# ТАҚРИЗ

**ба фишурдаи рисолаи Бобомаллаев Илҳомҷон Ҷанобович дар мавзӯи “Таҳаввули назми муосири тоҷикӣ дар солҳои 50-70-уми асри XX (дар мисоли осори Аминҷон Шукӯҳӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик**

Дар сойири адабиёти миллатҳои олам шахсиятҳои эҷодие зуҳур кардаанд, ки бо таваҷҷуҳ ба тозагӯиву навпардозиҳояшон дар таҳаввули шакливу мавзӯӣ ва муҳтавоии адабиёти замони худ нақши муассир гузоштаанд. Аминҷон Шукӯҳӣ аз ҷумлаи чунин эҷодкорон аст, ки бо мероси адабии манзуму мансур, осори публитсистию драмавӣ ва ҳаҷвии худ ба рушду инкишофи бахшҳои мушаххаси адабиёти солҳои 50-70-уми асри XX тоҷик мусоидат кардааст.

Чеҳраи эҷодии хос, ҳунару истеъдод ва тозакориҳои эҷодии Аминҷон Шукӯҳӣ нисбат ба дигар анвои адабӣ дар ҷинси адабии лирика ошкор гардида ва маҳз ҳамин буъди эҷодии шоир сабаб шудааст, ки ӯ дар адабиёти муосири тоҷик "бештар ба сифати шоир ва ё лирик” шинохта шавад. Аз ин рӯ, ба таҳқиқи монографӣ фаро гирифтани хусусиятҳои мавзӯиву бадеии ашъор ва ибтикороти Аминҷон Шукӯҳӣ аз масъалаҳои муҳимми илми адабиётшиносии тоҷик мебошад.

Дар фишурдаи рисола аҳамияту дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ ва навгонии илмии рисола мушаххасу равшан буда, нуктаҳои асосии ба дифоъ пешниҳодшаванда нав ва дорои арзиши баланди илмианд.

Рисола аз муқаддима, се боб, фаслҳову зерфаслҳо, хулоса ва рӯйхати адабиёт фароҳам омада, ба меъёрҳои сохтории рисолаҳои илмӣ мувофиқати комил дорад.

Муҳаққиқ дар муқаддимаи диссертатсия аҳамият ва дараҷаи таҳқиқи мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаҳо, навгониҳо, усулу равиши таҳқиқ ва аҳамияти назарию амалии диссертатсияро баён кардааст.

Дар боби якуми диссертатсия, ки «Хусусиятҳои нав касб кардани назми солҳои 50-70-уми асри XX» унвон дорад, муаллиф ба таҳқиқи хусусиятҳои муҳимму тағйиротҳои куллии назми ин давра, заминаҳои асосии таҳаввули лирикаи тасвирӣ, моҳият, шакли баёну ифода ва усули тасвиргароии шоирони навпардози назми солҳои мавриди назари худ пардохтааст.

Боби дуюми диссертатсия «Аминҷон Шукӯҳӣ ва мақоми ӯ дар дар назми солҳои 50-70-уми асри XX» унвон дошта, аз се фасл фароҳам омадааст. Диссертант дар ин боб зиндагинома, мероси адабӣ, ҷустуҷӯҳои эҷодӣ ва навпардозиҳои Аминҷон Шукӯҳиро таҳқиқ кардааст.

Яке аз нуктаҳои муҳимми ин боб, ки чеҳраи муаллифро ба унвони як муҳаққиқи дақиқназар ошкор месозад, ин аст, ки муаллиф ба

номукаммалии инттилооти манбаъҳо дар хусуси тарҷумаи ҳоли Аминҷон Шукӯҳӣ ва беэътиноии баъзе муҳаккикон ба масъалаҳои мазкур таъкид карда, ба бархе далелу назарияпардозиҳои ғалат ва тасҳеҳталаб ишора мекунад.

Дар фасли дуюми ин боб муқаққиқ ба таҳлили хусусиятҳои мавзӯии ашъори шоир дар нақду адабиётшиносӣ, таснифу таҳлил ва таҳқиқи мавзӯъҳои меҳварии ашъори Аминҷон Шукӯҳӣ пардохта, доираи мавзӯи ашъори шоирро доманадор арзёбӣ карда, мавзӯъҳои асосии онро тасвири паҳлуҳои гуногуни зиндагӣ, ормонҳои инсонӣ, асрори табиат, худшиносию худогоҳии миллӣ, ҳифозати арзишҳои адабию таърихӣ ва ғайра медонад. Ҳамчунин, дар ҳамин фасл ба арзиши адабию тарбиявии ашъори ба модар бахшидаи Мирзо Турсунзода, Муъмин Қаноат ва Ҳабибулло Файзулло руҷӯъ шуда, дар ин замина чанд намунаи шеър қиёсан таҳлилу баррасӣ гардидааст.

Муҳаққиқ дар ин фасл ба мушоҳидаи шахсии худ ишора карда, менависад, ки дар ашъори шоир сӯзу нолаи ҷонгудози ошиқ аз фироқи ёр хеле кам ба назар расида, масъалаи мазкур ба эҷодиёти шоир хос нест ва ашъори дар ин мавзӯъ сурудаи шоирро "қуллаи камолоти эҷодӣ" дониста, ашъори ошиқонаю тасвирии шоирро заминаи аслии навпардозиҳои ӯ унвон мекунад.

Дар боби сеюми рисола, ки «Хусусиятҳои услубию бадеии ашъори Аминҷон Шукӯҳӣ» ном гирифтааст, диссертант забон, сабк ва ҷанбаҳои бадеии ашъори Аминҷон Шукӯҳиро таҳқиқ кардааст.

Дар ин боб муҳаққиқ ибораю таъбирҳои халқӣ, суфтагӣ, равонию хушоҳангӣ, истифода аз воситаҳои баён ва абзорҳои бадеӣ ба монанди киноя, тафсир, суолу ҷавоб, таҷоҳули ориф, руҷӯи лирикӣ, такрор, таҷнис, иштиқоқ, таҷнисро аз вижагиҳои асоси эҷодиёти Аминҷон Шукӯҳӣ медонад. Дар ин фасл доираи дониш ва огоҳии васеи муҳаққиқ дар донишҳои гуногуни поэтика, истиқлоли андеша ва мустақилияти ӯ ошкор мегардад, ки аз бурдҳои асосии муҳаққиқ маҳсуб мешавад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ: масъалаҳои марбут ба рушду таҳаввули назми муосири тоҷик дар солҳои 50-70-уми асри XX, савонеҳи рӯзгор, корномаи эҷодию ҷамъиятӣ, мавзӯю муҳтавои ашъор, такя ба суннатҳои адабию навпардозӣ, сабку забон ва вижагиҳои бадеии ашъори Аминҷон Шукӯҳӣ натиҷагирӣ гардидааст, ки ҳамагӣ нав ва дорои аҳамияти баланди илмӣ мебошанд.

Рисолаи илмӣ-таҳқиқотии Бобомаллаев Илҳомҷон Ҷанобовичро метавон таҳқиқи монографии анҷомёфта дониста, онро дар илми адабиётшиносии тоҷик дастоварди тоза арзёбӣ кард. Забони илмии рисола низ суфта ва илмӣ аст.

Дар баробари дастовардҳои зиёди илмӣ дар кори муҳаққиқ, ба назари мо, бархе камбудиҳо дида мешаванд, ки рафъи онҳо барои беҳтар шудани сифати рисола кумак хоҳанд кард:

1. Унвони боби якуми диссертатсия, ки «Хусусиятҳои нав касб кардани назми солҳои 50-70-уми асри ХХ» мебошад, ба назари мо, ба тасҳеҳ ниёз дорад.

2. Муаллиф дар дараҷаи омӯзиши мавзӯъ аз иқтибосҳои зиёд истифода кардааст.

3. Дар саҳифаи даҳи фишруда ҷумлаи аз нигоҳи услуб нодуруст дида мешавад: "Тасвири олами ашё дар шеър одатан дар шакли манзаранигорӣ сурат мегирад ва на фақат зуҳуроти алоҳидаи табиат ва унсурҳои он, масалан обу замин, осмону набототу ҳайвонот ва ғайра ба назар мерасад".

4. Дар фишурда баъзе иштибоҳоти имлоиву техникӣ низ ҷой дорад, маслан дар саҳифаҳои 9, 10, 12, 13, 15, 16, 17, 19 ва 20.

Бояд гуфт, ки камбудиҳои зикргардида ба зоҳири рисола марбут буда, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии рисоларо коста намегардонад.

Рисолаи илмии Бобомаллаев Илҳомҷон Ҷанобович дар мавзӯи "Таҳаввули назми муосири тоҷикӣ дар солҳои 50-70-уми асри ХХ (дар мисоли осори Аминҷон Шукӯҳӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик кори илмии ба итмомрасида буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология мебошад.

Низомӣ Муҳриддин Зайниддин, доктори илмҳои филологӣ, профессор, ректори МДТ "ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода"

Авғонов Алишер, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, муовини ректор оид ба илм ва рушди инноватсионии МДТ "ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода"

Имзои Низомӣ М.З. ва Авғонов А. Ф.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ "ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода" З. Ҳамидова